**Суратмаҷлиси № 4 -и**

Шурои диссертатсионии 6D. КОА-036-и назди Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ

аз 03 феврали соли 2024 ш.Душанбе

**Иштирок доштанд:**
аз 11 нафар аъзои Шурои диссертатсионӣ 10 нафар, аз рӯи ихтисос 5 нафар

03 феврали соли 2024, соати 13:00 дар толори Шурои олимони Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода (734019, Ҷумҳурии Тоҷикистон, кӯчаи Муҳаммадиев 17/6.) ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.КОА-036 баргузор гардид.
Вақти анҷоми ҷаласа:15:32.

**Раиси ҷаласа:** доктори илми филология, профессор Турсунов Ф.М.
**Котиби илмӣ:** номзади илми филология, дотсент Ҳасанова Ш.Р.

**РӮЗНОМА:**

Ҳимояи диссертатсияи **Азизова Зарина Шавкатовна “Муқоисаи вижагиҳои грамматикии зарбулмасал ва мақолҳо дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ.** Ахбори раиси Шурои диссертатсионӣ, доктори илми филология, профессор Турсунов Ф.М. шунида шуд.

Диссертатсия дар кафедраи фонетика ва лексикологияи забони англисии Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров иҷро шудааст.

**Роҳбари илмӣ** – Нематуллоева Мавлуда Негматовна номзади илми филология, дотсент

**Муқарризони расмӣ:**

**Ҷамшедов Парвонахон Ҷамшедович** - доктори илми филология, профессори кафедраи забонҳои хориҷии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон.

**Азизова Мастона Ҳамидовна** - номзади илми филология, дотсенти

кафедраи забонҳои хориҷии факултети дипломатия ва сиёсати Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Муассисаи пешбар** – Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав

Котиби илмии Шуро дар бораи довталаби дараҷаи илмӣ ва хуҷҷатҳои пешниҳодшуда маълумот дод.

Диссертант **Азизова Зарина Шавкатовна** оид ба муҳтавои кори диссертатсионӣ ба ҳозирин маълумот дод. Ба саволҳои аьзои Шурои диссертатсионӣ, доктори илми филология, профессор **Қосимов Олимҷон Ҳабибович**, доктори илми филология, профессор **Ҷабборова Марҳабо Тухтасуновна,**. доктори илми филология, профессор **Гулназарзода Жило Бурӣ,** доктори илми филология, профессор,**Шербоев Саидбой** доктори илми филология, профессор **Каримов Шуҳрат Бозорович** ҷавоб дод.

Роҳбари илмӣ доктори илми филология, профессор **Нематуллоева Мавлуда Негматовна** тақризашро пешниҳод намуд.

Котиби илмии Шуро матни тақризи муассисаи пешбар - Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав ва тақризҳои ба автореферати диссертатсия воридшударо хонд.

Муқарризони расмӣ – **Ҷамшедов Парвонахон Ҷамшедович** - доктори илми филология, профессори кафедраи забонҳои хориҷии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ва **Азизова Мастона Ҳамидовна** - номзади илми филология, дотсенти кафедраи забонҳои хориҷии факултети дипломатия ва сиёсати Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон баромад намуданд.

Ба эродҳои муқарризони расмӣ диссертант ҷавоб дод.

Доктори илми филология, профессор **Каримов Шуҳрат Бозорович, дотсент Ҳасанова Шаъло Раҳмоновна, профессорон Қосимов Олимҷон Ҳабибович, Шербоев Саидбой, Ҷабборова Марҳабо Тухтасуновна ва доктори илми филология, профессор Турсунов Фаёзҷон Мелибоевич** баромад карда, диссертатсия, автореферат ва дастоварду натиҷаҳои илмии довталабро баррасӣ намуданд.

Сухани хотимавии диссертант шунида шуд.

Тариқи овоздиҳии ошкоро комиссияи ҳисоб барои овоздиҳии пинҳонӣ таъин гардид ва дар ҳайати он 3 нафар аъзои Шурои диссертатсионӣ – доктори илми филология, профессор **Қосимов Олимҷон Ҳабибович**, номзади илми филология, дотсент **Джамирова Леммара Иосифовна** ва номзади илми филология, дотсент **Насруллоев Муҳаммад Нуруллоевич** интихоб гардиданд.

Аз 11 нафар аъзои Шуро 10 нафар ҳузур доштанд (1 нафар тариқи

маҷозӣ): аз инҳо 3 нафар доктори илм ва 2 нафар номзади илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсия.

Натиҷаи овоздиҳӣ: тарафдор - 10, муқобил - нест, бетараф - нест.

Аъзои Шуро тариқи овоздиҳии ошкоро протоколи комиссияи ҳисобро тасдиқ намуданд.

Тариқи овоздиҳии ошкоро хулоса ва қарори Шурои диссертатсионӣ дар бораи ба **Азизова Зарина Шавкатовна** додани дараҷаи илмии номзади илми филология қабул гардид.

**ҚАРОРИ**
**Шурои диссертатсионии 6D.КОА-036-и назди**
**Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи**
**Сотим Улуғзода**

**аз 03.02. 2024** **ш. Душанбе**

Баромади **Азизова Зарина Шавкатовна дар мавзуи «Муқоисаи вижагиҳои грамматикии зарбулмасал ва мақолҳо дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ» аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302-Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ)**, тақризи муассисаи пешбар – Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав, баромади муқарризони расмӣ – **Ҷамшедов Парвонахон Ҷамшедович** - доктори илми филология, профессори кафедраи забонҳои хориҷии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, **Азизова Мастона Ҳамидовна** – номзади илми филология, дотсенти кафедраи забонҳои хориҷии факултети дипломатия ва сиёсати Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муқарризони ғайрирасмӣ **Каримов Шухрат Бозорович, дотсент Ҳасанова Шаъло Раҳмоновна, профессорон Қосимов Олимҷон Ҳабибович, Шербоев Саидбой, Ҷабборова Мархабо Тухтасуновна ва доктори илми филология, профессор Турсунов Фаёзҷон Мелибоевичро** шунида, Шурои диссертатсионӣ дар асоси натиҷаҳои овоздиҳии пинҳонӣ, хулосаи қабулкардаи худ оид ба диссертатсия дар бораи асолат, арзиш, навоварӣ ва натиҷаҳои ба дастовардаи Азизова Зарина Шавкатовна

**ҚАРОР ҚАБУЛ МЕКУНАД:**

1. **Диссертатсияи** Азизова Зарина Шавкатовна **дар мавзуи «Муқоисаи вижагиҳои грамматикии зарбулмасал ва мақолҳо дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ»** барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)- доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302-Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) ба

талаботи бандҳои 31 ва 33-35-и Тартиби додани дараҷаи илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, комилан мувофиқат мекунад;

2. Маводҳои илмии чопшудаи муҳаққиқ мазмуну мундариҷаи диссертатсияро пурра инъикос менамояд;

3. Ба Азизова Зарина Шавкатовна дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021302-Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ дода шавад;

4. Аз Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон хоҳиш карда шавад, ки ба Азизова Зарина Шавкатовна дипломи доктори фалсафа (PhD)- доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021302-Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавиро диҳад.

Касе, ки тарафдори ин қарори Шурои диссертатсионӣ бошад, хоҳиш менамоям, овоз диҳад.

Зид, бетараф? Нест. Якдилона қабул карда шуд.

Раиси Шурои
диссертатсионӣ, профессор Турсунов Ф.М.

Котиби илмии Шурои
диссертатсионӣ, дотсент Ҳасанова Ш. Р.
03.02.2024с.